**Такриз**

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович тахти унвони «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллои Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Рамзҳои решадортарин ва устувортарини ҳар халқу миллат дар фолклор инъикос ёфта, ҳамзамон ғояву мақсад, орзую омол, завқи бадеию ҳунарӣ, муносибату назари аъзои ҷомеа ва фарҳанги мардум низ дар он таҷассум меёбад.

Мавзӯи интихобнамудаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар ҷодаи илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик нахуст кори илми тадқиқотӣ махсуб ёфта, муаллиф нақши ривояту нақлҳоро дар муайян намудани дараҷаи ҳунарии шоир, шахсият ва хулқу симои ӯ дида баромада, таъсири дуҷонибаи ашъори шоир ва осори шифоҳиро муайян намудааст.

Муаллиф дар рафти кори худ усулҳои мухталифи таҳқиқи илми фолклоршиносӣ ба мисли мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, таҳлили матни бадеӣ, усули тафсири луғатро истифода намудааст.

Мундариҷаи тадқиқот аз муқаддима, се боб ва шонздах фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати гӯяндаҳо иборат мебошад.

**Боби якум** “**Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ**” унвон дошта, ривояту нақлҳои омиёнаи тоҷик дар ҳафт фасл таҳлилу баррасӣ шудаанд. **Фасли аввал** “*Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*” унвон дошта муаллиф, масъалаҳои муҳими даврони кӯдакиву наврасӣ ва ҷавонии Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ривояту нақлҳои шифоҳӣ ва маълумоти тазкираву дигар осори таърихӣ баррасӣ намудааст. **Фасли дуюм** “*Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ*” номгузорӣ шудааст. Дар ин бахш ривояту нақлҳои омиёна муносибати дӯстиву бародарӣ, якдиливу ҳамдигарфаҳмии амирони Сомонӣ бо устод Рӯдакӣ таҳлил гардидааст. **Фасли сеюм** “*Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар нақлу ривоятҳои мардумӣ*” номгузорӣ шуда, дар бораи ҳунари шоирӣ ва табибии Рӯдакӣ маълумот медиҳад. **Фасли чаҳорум** “*Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ*” ном дошта, тасаввуроти мардум дар хусуси ишқи Рӯдакӣ баён намудааст. **Фасли панҷум** “*Нобиноии Рӯдакӣ аз рӯи ривоятҳои мардумӣ*” ном дошта, роҷеъ ба нобиноии Рӯдакӣ муҳаққиқони осору аҳволи шоир ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, маълумот додааст. **Фасли шашум** «*Назари мардум дар бораи мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ*» унвон гирифтааст, ки ривояту нақлҳои марбут ба азодориро бозгӯй намудааст. **Фасли ҳафтум** “*Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир*” унвон дошта, маълумоти муфассал доир ба ин масъала дода шудааст.

**Боби дуюми рисола “Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ”** номгузорӣ шуда, он аз шаш фасл иборат мебошад. **Фасли аввал** *“Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* унвон дорад. Дар ин фасл сухан дар бораи унсурҳои тахайюливу асотирӣ дар шеъри Рӯдакӣ меравад**.** **Фасли дуюм** “*Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Рӯдакӣ”* номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмати кор истифодабарии мақолу зарбулмасалҳоро дар ду шакл инъикос намудааст. **Фасли сеюм** “*Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* унвон гирифтааст, ки оид ба истифодаи истилоҳоти осори шифоҳӣ дар шеъри Рӯдакӣ маълумот медиҳад. **Фасли чаҳорум** “*Чистон ё луғз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* дар хусуси ҳунари Рӯдакӣ дар эҷоди чистон ё луғз ҳамчун санъати шеърӣ маълумот дода шудааст**.** **Фасли панҷум** “*Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* вижагиҳои махсуси ашъори марсиявии устод Рӯдакӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, ин бахши ашъори ӯ бо намунаҳои осори шифоҳӣ муқоиса шудааст. **Фасли шашум** “*Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*” ном дорад. Дар ин фасли диссертатсия пиромуни чеҳраҳои фолклориву таърихӣ, амсоли Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро, Рустам, Сифандиёр (Исфандиёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхо дар ашъори устод Рӯдакӣ сухан рафтааст.

**Боби сеюми** рисола “**Тасвири ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**” номгузорӣ шудааст, ки дар он таҳлили масъалаҳои марбут ба унсурҳои улуми фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии алоқаманд бо ашъори устод Рӯдакӣ анҷом гардида ва он аз се фасл иборат мебошад.

**Фасли аввал***“Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* унвон гирифтааст. Маълум аст, ки фасли зеботарини сол баҳор аст ва дар ин фасл яке аз ҷашнҳои муҳташам ва куҳани ориёӣ Наврӯз баргузор мегардад. **Фасли дуюм** “*Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”* унвон дошта, ба масъалаи одобу русуми азодории тоҷикон дар шеъри Рӯдакӣ бахшида шуд. Рӯдакӣ дар ашъори хеш аз одату суннатҳои маросими азодорӣ чун: мӯй ва рӯйкании занон, гиристани марди сӯгвор, ҷомаҳои сиёҳ ба бар кардани мардон ва суннати «мурдашӯйӣ» ишорату ибрози андеша намудааст. **Фасли сеюм** “*Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*” унвонгузорӣ шудааст. Дар фарҳангу адаби форсу тоҷик эътиқод доштан ба ҳар гуна махлуқоту ашёҳо як падидаи куҳан буда, мардум аз ибтидо то ин замон аз рӯйи фаҳмиш ва биниши худ ба ин гуна падида боварӣ пайдо намудааст.

Ҳаҷми кор ба Стандарти давлатӣ барои таълифи корҳои илмӣ ҷавобгӯй аст. Мавзӯъ дар ҳар се боб пурра таҳлил шуда, натиҷагирӣ шудааст.

Ҷиҳати арзишноки кори муаллиф дар он ба назар мерасад, ки дар ҷамоварӣ намудани қисми зиёди маводи фолклорӣ саҳмгузор будааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки то ба анҷом расонидани кор дар ҷодаи илм заҳмати зиёд кашидааст ва ин лоиқи дастгирист.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ишораи баъзе аз онҳоро зарур донистем.

1. Дар қисмати мубрамияти мавзӯъ, муаллиф роҷеъ ба нақши нақлу ривоятҳои мардумӣ дар ташхиси симо, хислат ва рафтору муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маълумот додааст. Чун истилоҳи ташхис ба соҳаи равоншиносӣ иртиботи қавӣ дорад, хуб мешуд, ки муаллиф аз таҳлилҳои тафсири психоаналитикӣ низ истифода мебурд. Ҳоло он ки ин усул дар ибтидои асри XX ба майдони соҳаи фолклоршиносӣ ворид гардид.

2.Дар қисмати муқаддимавии фишурда ҷумлаҳо аз ҷиҳати услуб коста ҳастанд.

3.Дар фишурда ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои дар автореферат ҷойдошта ҷузъӣ буда, қиммати илмии онро кам намекунанд.

Метавон қайд намуд, ки фишурдаи рисолаи **Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович таҳти унвони «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** ба талаботи умумии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович** сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

**Саромӯзгори кафедраи педагогика ва равоншиносии**

**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев,**

**номзади илмҳои филологӣ** Раҳматуллоева Г.

**Имзои Раҳматуллоева Гулханда Абдуллоевнаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо** **Шабдолов Қ.**

**Суроға: 736000, ш. Хоруг, хиёбони Ш. Шотемур 109:Тел: моб: 93-770-33-89**